*Муҳаммад Юсуф*

# ШОМИ ИСЁНӢ

Душанбе
«Адиб»
2008

ББК 84 Тоҷик 7-4

Ю-38

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Ю-38 **Муҳаммад Юсуф. Шоми исёнӣ** (маҷмӯаи шеърҳо). – Душанбе «Адиб», 2008, 64 саҳ.

Муҳаммад Юсуф аз Тоҷикистони соҳибистиқлол тафохур дошта васфи табиати зебо ва мардуми олиҳимату меҳмоннавози онро содаву равон ба қалам додааст.

ISBN 978-99947-57-86-2

© Муҳаммад Юсуф, 2008

## ШУКРОНА

Матлаби ҳар нохалаф чун бар гирифт,
Нохалаф меҳроб бо минбар гирифт.

Файзҳо рафт аз замину осмон,
Майсаи боғу гулистон даргирифт.

Беҳунар ҳар ҷо бишуд болонишин,
Каллаи аҳли хирад ханҷар гирифт.

Шоиронро наҳ бизад ҳар сифлае,
Чун ба досташ хомаву дафтар гирифт.

Ҳар каси доро бишуд олимақом,
Аҳли заҳмат мушти хокистар гирифт.

То нагардад хонаи ҳоким хароб,
Аз барои амният навкар гирифт.

Духтарон рафтанд бо роҳи хато,
Нангу ори ҳар яке дулар гирифт.

Ҳар каси бар қисмати мо бетараф
Хешро берун аз ин кишвар гирифт.

Буд мақсад ҳар касеро сарварӣ,
Орзуи сарварӣ аз сар гирифт.

Офарин бар қудрати Эмомалӣ,
Бар алайҳи нокасон сангар гирифт.

Бӯса зад бар хоки поки тоҷикон,
Доварию дафтари довар гирифт.

То ки хандад кишвари мотамсаро,
Ашкҳои чеҳраи модар гирифт.

## ШОИР

Чарх моро масту саркаш офарид,
Саҷдагоҳ аз ишқи оташ офарид.

Булҳавасҳо талхкоманд аз ҳаёт,
Бодаи мо софу беғаш офарид.

Ишқро чун бор дар кулбор монд,
Тахтапушти мо ҷаҳонкаш офарид.

Дарду ғамҳои ҷаҳон бар дӯши мост,
Шоиронро пур ҷафокаш офарид.

Ҳар балое мерасад, бар мо расад,
Ҷисму ҷони мо балокаш офарид.

Мисли шоир ҳеҷ кас пурдард нест,
Ҳарфи эшон гарчи дилкаш офарид.

## ТАБИБ

*Барои Дилором Исҳоқӣ*

Сари сабзу тани бедарди мо бошад муроди ту,
Накӯиву накӯкорӣ хӯрад об аз ниҳоди ту.
Ғаму дарду навои мо расад як-як ба ёду ту,
Бигардад сарф баҳри мо ҳама вақту миоди ту.
Ба наздат бо тани маҷрӯҳ, рӯи зард меоем,
Барои рафъи бемори тани пурдард меоем.

Ба бемории марговар фақат модар расад бар ёд,
Равад боқӣ ҳама ҷоҳу ҷалоли мо ба ҳукми бод.
Падар, модар бирезанд ашкҳо аз дидаи ношод,
Фақат дасти давобахши ту дорад қудрати имдод
Надорад дар ҷаҳон дасти касе чун дасти ту нармӣ,
Надорад дар ҷаҳон дасти касе чун дасти ту гармӣ.

Даме аз дарди сӯзон синаи ман танг мегардид,
Замину осмон дар чашми ман якранг мегардид,
Забонам дар даҳонам порае аз санг мегардид,
Ду дасту пои ман беқуввату беҳанг мегардид,
Ба имдодам расидӣ чун Масеҳо, эй табиби ман,
Бигардондӣ ҳаёту зиндагӣ аз нав насиби ман.

Ба зери теғи ту ларзида мехобад вуҷуди ман,
Зи тарси марг гардида чу хокистар намуди ман.
Зи файзи дасти ту буда ҳама буду набуди ман,
Бар он дастони ҷонбахши ту меарзад суҷуди ман,
Бибӯсам хилъати поку сафеди бонамози ту,
Бимирам ман бар он дастони неку дилнавози т

## МУНОҶОТ

Тоҷикистон, кишвари зебои ту,
Дар дилу дар дидаҳоям ҷои ту.
Ман нахоҳам дур бошам аз барат,
Саҷдагоҳи ман бувад хоки дарат.
Менамоям ноилоҷ акнун сафар,
Меравам боз аз дарат, дорӣ хабар.
Панҷае аз хоки покат дар бағал,
Рамз аз меҳанпарастони азал.
Меравам то маблағе пайдо кунам,
Кулбаи вайронаам эҳё кунам.
Сер созам тифлакони хонаам,
Рост бошад дар ҷавонӣ шонаам.
Тоҷикистони азизу қиблагоҳ,
Бар зану фарзанди ман пушту паноҳ,
Як дуо аз раҳматат дорам умед,
То ки бошад дар сафар роҳам сафед.
То ки монад хонаам дар ҷои хеш,
Тифлаконам солиму дар пои хеш.

Хайр бодо, Тоҷикистони азиз,
Бар ғарибӣ мебарам ҷони азиз.
Меравам дар мулки мардум дар ба дар,
Мешавам бо дарду ҳасрат сар ба сар.
Ман бихобам ҳамчунон девонае,
Дар даруни хонаи вайронае.
Гаҳ бувад таҳхонаҳо манзил маро,
Пораи нони сияҳ ҳосил маро.
Кас набинад меҳнати ҷонкоҳи ман,
Тира гардад оламе аз оҳи ман.
Фахри миллӣ оқибат гум мекунам,
Шикваҳо аз қисмати шум мекунам.
Пайсае аз заҳматам орам ба даст,
Азми манзил менамоям ман ба шаст.
Лек дар раҳ раҳзану таррорҳо,
Дар ҷаҳони одамӣ чун хорҳо,
Дар азоби ман ҷасорат мекунанд,
Пайсаи ман ҷумла ғорат мекунанд.
Додхоҳам арзи миннат мекунад,
Пайсаи пасмонда қисмат мекунад.
Дар ғарибӣ ман ҷигархун мешавам,
Боиси таҳқири ҳар дун мешавам.
Дастхолӣ мерасам бар хонаам,
Донам ин аз қисмати пешонаам.
Не адолат, не ҳақорат дастрас,
Додхоҳонро на як фарёдрас.
Ай Худо, доим туӣ дар ёди ман,
Кай расӣ боре ту ҳам бар доди ман.
Тоҷдорон ин замон овораанд,
Бар дари бегонагон бечораанд.
Ай Худо, дар кишвари озоди мо,
Сарзамини хурраму аҷдоди мо,
Боз гардон ҳар ғарибе бар Ватан,
То намирад дар ғарибӣ бекафан.

## ИНТИЗОРӢ

Хонаи дил аз рухат равшан шавад,
Манзилам аз мақдамат гулшан шавад.

Чашм созад хоки поят саҷдаҳо,
Пардаи дил бар ту пероҳан шавад.

Гарди коҳ аз гандуми рӯят расад,
Донаҳои орзу хирман шавад.

Ҳарфи нокас бар ту кай созад асар?
Ҷони ман бар ҷони ту ҷавшан шавад.

## ЁДИ ДЕҲА

Солҳо рафтанду побанди хаёл
Кардаам аз деҳи бобоӣ гузар.
Ошно бар ман раҳу пайроҳаҳо,
Ҳар камар аз нақши поям бохабар.

Сӯфасанги паҳлуи роҳи адир
Ёд дорад подабонии маро.
Обшори қуллаи кӯҳи баланд
Беқororию ҷавонии маро.

Ёд омад духтари ҳамсоям,
Дар сари сарчашма ӯ биншаста буд.
Бишканам то аз лабонаш ташнагӣ,
Кӯзаро афтондаю бишкаста буд.

Номаи яктои ӯ дар дасти ман
Доғ-доғ аз доғҳои лахча буд.
Аз шарори ишқи пурармони ӯ
Дар дилу ҷонам алови арча буд.

Бар дару дарвозаи деҳи куҳан
Навҷавониҳои ман гул карда буд.
Рақс карда қалби бар шавқ омада
Таънаҳо бар сози булбул карда буд.

Деҳа дар оғӯши гулҳои баҳор
Пеши ман аз нав ҷавонӣ менамуд.
Карда ҷо дар синааш дунёи ман,
Ошиқиро посбонӣ менамуд.

Ман ба сӯи чашма рафтам бо умед
То лабам аз оби софаш тар кунам.
Лаззати даври ҷавонӣ ёфта,
Бар ҷавониҳои дил бовар кунам.

Нӯш кардам оби софи чашмаро,
Акси пурожанги ман дар об монд.
Дар ҷабинам – киштзори тирамоҳ,
Хандаҳои лолаҳо ноёб монд.

## ЗАНИ ТАНҲО

Нишинӣ дар бари оинаат ҳар субҳ,
Канӣ тори сафедеро зи гесӯят.
Ба чашму тоқи абрӯят хӯрӣ афсӯс,
Кунӣ ҳамвор ожанги бари рӯят.

Ба ёд оварда даврони ҷавониро,
Ки бо гулҳои тар дар гуфтугӯ будӣ.
Барои булҳавасҳои ҳавасбозе
Ту танҳо як гули хушрангу бӯ будӣ.

Бирафта ошиқонат оқибат ҳар сӯй,
Раҳо карданд гесӯи дарозатро.
Чу гарди сурма аз чашми ту афтоданд,
Якояк тоб н-оварданд нозатро.

Ба кӯят ошиқон дигар намеоянд,
Кунун чун хонаат холӣ замири туст.
Тамоми сарвати ишқи тарабангез
Фақат як шир-шири шоли ҳарири туст.

Ба ишқи камбаҳои хештан охир
Ҷавонӣ дар дили чандин ҷавон куштӣ.
Вафою бевафоиро надониста ,
Вафодорони худро беамон куштӣ.

Насабзид аз бари домони ту фарзанд,
Ки чизе нест бе он ин ҷамоли ту.
Бимондӣ оқибат ту яккаю танҳо,
Зи умри рафтаи худ бас малолӣ ту.

Ҷавонии зан аст аз хандаи тифлон,
Вале ту тифлаконе додаӣ барбод.
Ба назди модари худ шармсорӣ ту,
Ки қарзи модариро бурдаӣ аз ёд.

Кунун дар панҷаи пирӣ ту ҳайронӣ,
Ҳаётат дар сари мӯе бувад ларзон.
Ҳаётатро диҳӣ аз дасти худ он сон,
Ки додӣ бӯсаҳои қиматат арзон.

## ФИРОҚ

Дар фироқат дидаҳоям нам гирифт,
Гулшани боғи дилам мотам гирифт.
Кардаам тасвири рӯят дар чаман,
Савсану сунбул сари худ хам гирифт.
Лаъли ҷонбахши ту овардам ба ёд,
Коми хушкам лаззати зам-зам гирифт.
Муддате шуд чун ҷудо гаштам зи ту,
Хоки роҳи ту маро ҳамдам гирифт.

Номи ман дар ишқи ту машҳур шуд,
Гар забонат номи моро кам гирифт.
Бар Муҳаммад аз вафодорӣ махон,
Дар вафо ӯ маснади Ҳотам гирифт.

## ЗУЛФИ ШАБГУН

Гирудори рӯзгорон обутобам додааст,
Зулмати шабҳои ҳиҷрон моҳтобам додааст.
Монда будам бехабар аз шарбати ғамҳои ишқ,
Чашмҳои масти ту ҷоми шаробам додааст.
Гар накардам роҳи кач дар зиндагиям ихтиёр,
Зулфи печони сиёҳат печутобам додааст.
Аз ҷудогии висолат гиряҳо кардам хамӯш,
Хандаи бедардии ёрон азобам додааст .
Дар биёбони фироқат сӯхтам аз ташнагӣ,
Ҷӯяҳои рӯи ман аз дида обам додааст.
Менапурс аз давлати ояндаю пояндаам,
Зулфи шабгун ҳам саволу ҳам ҷавобам додааст.

## ДАР СӮГВОРИИ ҲАМСАРАМ

Бирафтию дилам, ҷонона, бишкастӣ,
Ба бори ғам маро ду шона бишкастӣ.
Ба зери хок бурдӣ матлаби ширин,
Ҳавасҳо дар дили мастона бишкастӣ.
Сафедӣ зад ба мӯи навҷавониям,
Ба дастам соғару паймона бишкастӣ.
Ҷаҳон дар чашми ман гардид зулмонӣ,
Ба чашмам шаҳсутуни хона бишкастӣ.
Ба ёдат субҳгоҳон мезадам фарёд,
Садоям дар дили девона бишкастӣ.
Шудам санги мазоратро чу парвона,
Пару боли мани парвона бишкастӣ.

## САНГАРИ ИСЁНГАРОН

*Барои Тамара Рустамова*

Нақшҳое аз занони қаҳрамон
Додаӣ ҷо дар равоқи хонаат.
Бору банди қаҳрамонони шаҳид
Мебарӣ умре ба рӯи шонаат.

Хонаат шуд сангари исёнгарон,
Ҳар зан ин ҷо қаҳрамонӣ мекунад.
Зайнабу Розия биншаста ба ҳам,
Сангбибӣ хонабонӣ мекунад.

Қисмати ҳамсангаронат буда талх,
Ҳар зани озодҷӯ бо дод рафт.
Орзуи Сайраму Майрам бубин,
Ғунчасо дар панҷаҳои бод рафт.

Аз фаранҷӣ гулхане афрӯхтанд
Бар алайҳи боди сарди зиндагӣ.
Дода пайкарҳои симинро ба хок,
Бо умеди растан аз ҳар бандагӣ.

Дар набарди умр шуд мӯят сафед,
Нолаҳое монда андар синаат.
Рафт агар ҳамсангаре аз пеши чашм,
Ҷой шуд дар синаи бекинаат.

Зинда дидам ман шаҳидонро ҳама
Дар рухи пурнуру пурожанги ту.
Ҳар шаҳиди бе мазори ин диёр
Зинда бошад то абад дар нанги ту.

## ДАҲ СОЛ ДАР ЯК ДАМ ГУЗАШТ

Таҳсили даҳсолаи беғам гузашт,
Аз назар даҳ сол дар як дам гузашт.
Кӯдакию шӯхиям ояд ба ёд,
Кудакӣ аз пеши ман сархам гузашт.

Дарсҳояш то маро дар ёд монд,
Чанд чин дар чеҳраи устод монд.
Карда ӯ бас тораҳои мӯ сафед,
Бар сафедиҳои раҳ бунёд монд.

Хандаи садбарг арзонӣ шуда,
Чеҳраи устод нуронӣ шуда,
Мекунад устод бо мо хайрухуш,
Чашмҳояш абри боронӣ шуда.

Мекунам падрудҳо бо мактабам,
Меравам андар талоши матлабам,
Меҳри устодон ба қалбам дода ҷо,
Пандашон такрор карда дар лабам.

## ПАЙКАРАСОЗ

Ту нанги сангсо парварда дар дил,
Зи санге Рӯдакӣ эҷод кардӣ.
Ба рӯи тахтасанги мармарине
Тановар пайкара бунёд кардӣ.

Ба ҳар бинанда ин ҷо Рӯдакиро
Ба қалбу дидаи бедор кандӣ.
Бигардӣ то ба гирди ҷоми Хайём,
Ба хоро нақш бо паргор кандӣ.

Дигар сӯ ҳайкали Сино зи хоро
Ба ҳайт ҳамчу пири кимиёӣ.
Чу рамзи зиндагии ҷовидона
Ба дасташ додаӣ ҷоми давоӣ.

Зи мағзи синаи санги гулобӣ
Садои дил расад аз доду бедод.
Нахустин нолаи санги сияҳро
Қаламфӯлоди дастат карда аз ёд.

## ҚИСМАТ

Ҳеҷ дарде ҳамчу дарди синаи афгор нест,
Ёрро ғам з-ин дили садпораи хунбор нест.
Ман надонам арзи ҳоламро ба кӣ созам баён,
Дар дили шабҳои зулмонӣ касе бедор нест.
Монда мардум бехабар аз давлати бедори ишқ,
Дилбарони даври моро ҳарфи шарбатбор нест.
Мерасад санги маломат бар фашу дасторҳо,
Каллае бемағз бошад, иллати дастор нест.
Ҳар зани кӯтоҳмӯ гӯяд суханҳои дароз,
Мӯдарозони валекин навбати гуфтор нест.
Мурдагонро рӯи миз аз нав табибӣ мекунанд,
Як табиби бомурувват бар сари бемор нест.
Чун дарахти рост дорад захмҳо аз тешае,
Қисмати рӯзи азалро ҳоҷати инкор нест.

## НАМОНД

Қудрате бар тоҷу бар афсар намонд,
Бар сарон як зарра ҳам бовар намонд.
Мефурӯшанд оби замзам ҳоҷиён,
Пеши эшон қимати Кавсар намонд.
Ҳақпарастон солҳо дар маҳкама,
Ноҳақу ҳақро дигар довар намонд.

Нархҳо рафтанд то авҷи фалак,
Зррае инсофи савдогар намонд.
Гарчи умрам бигзарад дар пахтазор,
Ҷомаамро абраю астар намонд.
Ҷелаку поҷомаам фарсудаанд,
Кафшҳои кӯҳнаам як пар намонд.
Меъдаҳоро мехарошад гушнагӣ,
Ҷуз хаёли ишкам андар сар намонд.
Меҳнатӣ аз қиматӣ хун мехӯрад,
Дасти мансабдор бе соғар намонд.

## БАДАХШОН

*Барои Салимшо Ҳалимшо*

Бадахшон – сарзамини поки Яздон,
Бувад ҳам хоку оби он давоӣ.
Бубахшад ҳар табибаш ҷон ба инсон,
Надорад лек даъвои худоӣ.

Ҳавои сарвату ганҷи Бадахшон
Қарори одаму дунё гирифта.
Вале дар синаи гарми бадахшӣ
Сафои чашмасорон ҷо гирифта.

Дар ин ҷо киштаҳоро марди деҳқон
Ба рӯи сӯфаи харсанг карда.
Канад то рӯзияш аз синаи кӯҳ,
Ба нохун ӯ ба хоро ҷанг карда.

Дар ин ҷо дона мерӯяд зи сахра,
Вале ҳар чеҳра нони гарм буда.
Барои мардумони гармрӯяш
Русуми қарз додан шарм буда.

Садои хандаҳои дилбаронаш
Барад аз ҷони ошиқ ноумедӣ.
Ба ёди қуллаҳои сап-сафедаш
Дамад бар мӯи шоирҳо сафедӣ.

## ХОҶА ОБИ ГАРМ

Хоҷа Оби Гармро ҳар кас зиёрат мекунад,
Дарди чандинсолаи худро табобат мекунад.
Хоҷа карда ҷои худ дар қуллаи кӯҳи баланд,
Аз баландӣ пастии моро назорат мекунад.
Ҳаври сӯзон мебарорад аз даруни синааш,
Ҳар яки моро ба худсӯзӣ далолат мекунад.
Зинда аст ӯ дар дилу дар дидаи бедори мо,
Ҳар замон моро ба инсонӣ ҳидоят мекунад.
Ҳар касе аз номи Хоҷа мезанад лофи алам,
Ӯ ба рӯҳи поки Хоҷа сад хиёнат мекунад.
Хоҷаи моро набуд парвое аз моли ҷаҳон,
Як дуо бар турбати гармаш кифоят мекунад.

## БАНДАИ ИШҚ

Ҳеҷ мард аз ҳалқаи зулфи сияҳ озод нест,
Бандаи зулфи сияҳро хотири ношод нест.
Ин ҷаҳон аз ишқи поки одамӣ обод шуд,
Булҳавасро дар тариқи зиндагӣ бунёд нест.
Кӯҳканҳо дар талоши қатрае ҷон додаанд,
Ҳеҷ дарде ҳамчу дарди синаи Фарҳод нест.
Ишқ моро доимо сӯи ҳақиқат мебарад,
Каҷравиҳо дар тариқи шохаи шамшод нест.
Сарпаноҳи офиятро аз дили зорам биҷӯ,
Чун дили садпораи ман мазрае обод нест.
Раҳ ба раҳ ҳар тори дил бар тори мӯят бастаам,
Ҳамчу ман дилдодае дар хоки Файзобод нест.

## ЗАМИН

Заминам ман, ки аз озор мегирям,
Барои аскари хуншор мегирям.
Ба ҳоли модари абгор мегирям,
Барои дилбари беёр мегирям.

Ҷаҳонҷӯё, чаман зеру забар аз ту,
Писар дар ҳасрати рӯи падар аз ту.
Фиғони модарони дар ба дар аз ту,
Ниҳоли орзуҳо бесамар аз ту.

Чаро аз оҳи тифлонам ҷунун бошам,
Ба зери пои хунхорон забун бошам?
Чаро аз хуни инсон лолагун бошам?!
Зи дасти ҷангҷӯён сарнагун бошам?!

Бихоҳам беғубор ин осмон бошад,
Ҳама фарзанди инсон дар амон бошад.
Ҳамеша хуррамиҳо дар ҷаҳон бошад,
Ҷаҳони сулҳҷӯён ҷовидон бошад.

## ФАТҲИ НАВ

*Ба иштирокчии ҷанги Бузурги Ватанӣ*
*Гурез Холиқов*

Тири душман ҷой дар банди камар,
Мемакад он қатраи хуни ҷигар.
Соли чил бошад, ки бошад дар набард
Ҷисму ҷонат зидди оҳан, родмард,
Давра биншастанд фарзандони ту,
Чора меҷӯянд бар дармони ту.
Дӯстонат ғамгусорӣ омаданд,
Бар суроғи бурдборӣ омаданд.

Дарду ҳасрат карда акнун пушти сар,
Ғолибона мекунӣ бар мо назар.
Қалби покат дардро гар хона аст,
То ҳанӯз он хандаат тифлона аст.
Оҳани ҷонсӯзи ҳар дам дар гурез,
Аз табибон, аз дами миқрози тез,
Охирон аз қудратат бетоб шуд,
Дар фирор он ҳамчу як симоб шуд.
Аз тани ту оқибат он тири сард
Гашт берун баъди чил соли набард.
Ғолиби майдон шудӣ бори дигар,
Қаҳрамон, бодо муборак ин зафар!

## ХОКИ ВАТАН

Хок молидаст модар бар тану бозуи ман,
Хок молидаст ӯ бар синаю бар рӯи ман,
Хок молидаст ӯ бар чашму бар абрӯи ман,
То набошам гумраҳу саргаштаи кӯю диёр,
Боз оям сӯи модар ҳамчу марди хоксор…

Хок молида маро бо кишварам ҳамранг хонд,
Қудратамро бо замини пурсахо ҳамсанг хонд,
Ҳарфи аввалро ба гӯши ман зи ору нанг хонд,
Хост бошад ин Ватан дар хандаю дар оҳи ман,
Ҳар куҷое, ки равам, бошад Ватан ҳамроҳи ман.

Модарам хоҳад набошам дар ҷаҳон кишваргадо,
Ман набошам лаҳзае аз хоки поки худ ҷудо,
Хокиёни ин ҷаҳонро то ки гардам ҳамсадо,
Ҷисми манро хоки поки модари ман сахт кард,
Қудрати хокаш маро фарзонаю хушбахт кард.

## ШАҲИДОН ЗИНДААНД

Умри ҷовид аст дар меҳри Ватан,
Ҳусни хуршед аст дар ҳусни чаман.
Хандаи ид аст дар ҳар марду зан,
Ин шаҳидони Ватан ҳам зиндаанд,
Дар баҳори умри мо пояндаанд.

Чун баҳорон майсаҳо сар мекашанд,
Хубрӯён ӯсмаи тар мекашанд,
Ҷомҳо бар ёди аскар мекашанд,
Қаҳрамонони Ватан ҳам зиндаанд,
Гарчи сар бар хоки пок афкандаанд.

Модарон, бӯсед хатҳои сиёҳ,
Хоҳарон, дӯзед чашмонро ба роҳ.
Ашки худро, чашми сар, бинмо паноҳ,
Қаҳрамонон кардаанд арзи вуҷуд
Дар шарори мушаки сӯрху кабуд!

## БА ЧӮТАК УРОЗОВ

Пеши чашмонат замин дармегирифт,
Пайкари сарбоз дар бар мегирифт.
Ҳамяроқони ту дар ҷанги шадид
Гашта дар ҳифзи Ватан як-як шаҳид.
Монда дар майдон тани танҳо дигар,
Бо фашистони зиёде сар ба сар.
Менамудӣ душманонро торумор.
Захмҳоят гашта ҳар дам бешумор.
Ногаҳон оташ фитод андар барат,
Барқу борон гашт як дам пайкарат.
Рӯ ба рӯ меомад ин дам душманат,
Бемадорӣ мекашид аз доманат.

Сӯи душман боз бинмудӣ шитоб,
Бо забони оташат бидҳӣ ҷавоб,
Рӯ ба душманҳо саросар сӯхтӣ,
Чашми душманро ба оташ дӯхтӣ.

## ТИФЛАКОН ДОНАНД АГАР

Ҷангҷӯё, бастаӣ рахти сафар,
Тифлаконат хайрбодӣ мекунанд.
Ҳар яке донад, ки орӣ тӯҳфае,
Аз барои тӯҳфа шодӣ мекунанд.

Бехабар аз он, ки ҳангоми сафар
Ҳам падар ҳам модаронро мекушӣ.
То ки орӣ сарвати олам ба даст,
Кӯдакони безабонро мекушӣ.

Гар бидонанд, ин ки дар боби улум
Нетрон аз беҳтарин пайдои туст.
Нестсозии замину осмон
Мақсади имрӯзу ҳам фардои туст,

Ҳадяҳоро мебаранд аз ёди худ,
Баста гардад сӯи хона роҳи ту.
Рӯй орад ҳар куҷо сӯят хатар,
Оташи тарканда гардад оҳи ту.

## ТИФЛИ ҚАҲРАМОН

Мурд дар ҷанги ҷаҳонӣ модараш,
Канд ӯро теғи душман аз бараш.

Монд кӯдак зору нолон дар камин,
Гашта вай бар ҷисми модар ҳамнишин.

Кард чанде дар ғами модар фиғон,
То даме ки дошт дар тан хуну ҷон.

Оқибат бо мурдаҳо ӯ гашт дӯст,
Баҳри ҳастӣ байни хунҳо луқма ҷуст,..

Моҳ чанде рафту ҳолаш буд ҳамин,
Рӯз мебурд он ғарибак дар камин.

Оҳу доде гар зи дур ояд ба гӯш,
Ёди модар мерабуд ӯро зи ҳуш.

Дар чунин як ҳолати бас ногувор
Тифл буд дар назди пайкар устувор.

Посдорӣ модари маҳбуб кард,
Маргро ӯ оқибат мағлуб кард.

Аз ҳамин рӯ, ӯ табассум мекунад,
Қаҳрамониро таҷассум мекунад.

## ДУОИ МОДАРОН

Бувад тифлӣ дар оғӯши ҳаводисҳо,
Фитодам борҳо аз бораю аз дар.
Бикардам саҷдаҳо ҳам бар замин бисёр,
Раҳо гардида даст аз домани модар.

Ба ҳар захм ашкҳоям рехтанд охир,
Вале модар ба ҳар захмам шифо бахшид.
Рабуд ӯ тарсу бим аз ман, бикард оғӯш,
Ба шири поки худ бар ман даво бахшид.

Саодатманду дарёдил калон гаштам,
Ба ҳифзи ин Ватан акнун равонам ман.
Занад захме адӯ бар ҷони покам гар,
Намемирам, дуои модаронам ман.

## ГАҲВОРАСОЗ

Хандаи тифлон навозад гӯши ту,
Аллаи модар рабояд ҳуши ту.
Сози ту гаҳвораи сурху сафед
Аз барои модарони пурумед.
Ёд орӣ кишвари сармояро,
Қадри инсони зи пул бепояро,
Тифлакони бегуноҳу хору зор,
Рӯи дасти модарони бемадор,
Аз барои луқмае ҷон медиҳанд,
Ҷони ширинро ба армон медиҳанд.
Ҷангҷӯён қасди олам кардаанд,
Қасд бар фарзанди одам кардаанд.
Бо ҳавас бардорӣ аз нав тешаат,
Бахти тифлон аст дар андешаат.
Пеши чашмат ҷунбиши гаҳвора аст,
Дар хаёлат қисмати Сайёра аст.

## МОДАРИ ИНТИЗОР

Қадамҷои шаҳидон саҷдагоҳам,
Раҳи дерина дар пеши нигоҳам.
Бисӯзам соли чил аз доғи фарзанд,
Надонам пайкарам ё дуду оҳам.

Сарам ҳамсони барфи қуллаҳо шуд,
Миёни химчаам охир дуто шуд.
Ба сони бед ларзон пайкари ман,
Ба пирӣ такягоҳи ман куҷо шуд?

Намедонам, ки кард ӯ қаҳрамонӣ?
Ба душман кард ё ӯ ҳамзабонӣ?
Ба вақти мурданаш ӯ кард нолиш,
Ба зери танк монд ӯ ногаҳонӣ?

Ба ёд овард боре модарашро,
Ба лаб овард расми дилбарашро?
Зи ҷайб оварда берун панҷаи хок
Бикард ӯ бӯса хоки кишварашро?

Ва ё душман худою сарваш буд,
Салиби чоргӯша дар бараш буд?
Барои ҷони ширин даст боло,
Ба пеши душманон поён сараш буд?

Хаёли ботилам дар сар бимонда,
Хаёли қотилам дар сар бимонда.
Ба ёди рӯи фарзандам бимирам,
Ду чашми хираам бар дар бимонда.

Нашуд як номае бар ман мададгор,
Кунад аз ҳоли фарзандам хабардор.
Шаҳиди ин Ватан бошад, бифахрам,
Вагарна ёди ӯ бар ман чӣ даркор?!

## РӮД

Рӯди кӯҳистонаму бо шӯру шавқ
Нағмахонон сӯи саҳро меравам.
Ман танинандоз чун сатри суруд
Гӯӣ аз дилҳо ба дилҳо меравам.

Санги соҳилро бибӯсам раҳ ба раҳ,
Ҳар гиёҳе рӯи роҳам соявор.
Нозанинҳо бар лабам лаб мениҳанд,
Ҳамчу ошиқ меравам ман беқарор.

Рӯ ба рӯи одамон оинаам,
Хобро ҳам мекунанд аз ман савол.
Мезанам худро ба боғи босамар,
Мезанам чархе ба гирди навниҳол.

Аз канори кӯҳу саҳрою адир
Орзу дорам, ки бар дарё расам.
Орзу дорам, ки ман софу зулол
То ба коми ташнаи дунё расам.

## МЕРОС

Дидаам аз ҷустуҷӯ хун мегирист,
Дар куҷо бошад нишоне аз падар?
Ҷомаву дастори ӯ дар хона нест,
Сураташро аз куҷо ёбам дигар.

Локиашро хоҳарам бар сар гирифт,
Тешааш ҳамсояи наҷҷор бурд.
Ғайб зад ҳамёни ӯ вақти намоз,
Чакманашро пирамарди зор бурд.

Меҳри хешу ҳамдиёрони ҳарис
Рафт дарҳол аз дилу имони ман.
Ҳар қадар ман ашкро бурдам фурӯ,
Охирон шорид аз чашмони ман.

Лек дидам нақши дастони падар
Дар равоқу тоқҳои хонаам.
Мӯҳри ҳар ангушт дар андова буд,
Ҳамчу мӯҳри бахт дар кошонаам.

То ки монад хонаи ман устувор,
Бар дару девор дасташ банд буд.
То нарезад хокаи деворҳо,
Панҷааш бар коҳгил пайванд буд.

## САЙЁҲ

*Барои Муҳиддин Олимпур*

Сайри олам карда ҳар гаҳ одамон
Орзуи ганҷи Қорун кардаанд.
То ки як накдинае ояд ба даст,
Накдҳо аз даст берун кардаанд.

Кардаӣ ақсои оламро сафар,
Саҷдаи хоки бузургон кардаӣ.
Зарраи хоки азизон дар кафат,
Рӯ ба сӯи Тоҷикистон кардаӣ.

Дидаат бар хоки Бедил хун гирист,
Карда чун бар турбати покаш назар.
Бар тавофи қабри Хусрав рафта ту,
Кардӣ шабро дар сари гӯраш саҳар.

Ҳар дару девор дар Эронзамин
Саргузашти ҳазрати Хайём кард.
Ҳар садои булбули шӯридае
Аз навои Ҳофизаш пайғом кард.

Ашкрезон аз сари қабри Камол
Панҷаи хоки ғариб овадаӣ,
Зарраи хоки ғарибӣ дар бағал,
Сарвати бар ҷон қариб овардаӣ.

Дар Фарангистону Юнон ҳар сафар
Дар суроғи Балзаку Байрон шудӣ.
Бар мазори бенишони қитъаҳо
Машъали тобандаи даврон шудӣ.

Манзилатро хокаҳои қитъаҳо
Дар бузургӣ ҳамчу олам кардаанд.
Хокаи поки бузургони ҷаҳон
Қимате пайдо чу одам кардаанд.

Не Масеҳоӣ, ки аз зӯри дамат
Хокаҳои одамон одам кунӣ.
Не ба ғорат хокҳои ҳар макон
Оварию хоки эшон кам кунӣ.

Орзу дорӣ, ки чун дар хонаат
Бо дилат гардад қарин ҳар ноқариб.
Аз тамоми қитъаи аз ҳам ҷудо
Гирд орӣ дар сарат ёди наҷиб.

## ҲАРФИ ҚАЛАМ

Бувад дафтар ҷаҳони корзори ман,
Ғаму дарди адолатхоҳ-бори ман.
Равонам ман чу сарбозони якпоя,
Намедонам куҷо бошад мазори ман.

Ба марги навҷавонони шуҷоъ гирям,
Зи ҷабри дилбарони бевафо гирям.
Барои мурдаи бесар зи сӯзи дил
Кашам гаҳ навҳа, гоҳе бесадо гирям.

Чу бефарзандҳо гаҳвора мебӯсам,
Ба нармӣ сангҳои хора мебӯсам.
Ба умеде, ки меёбам раҳи бахтам,
Ба лутфе теғро садбора мебӯсам.

Агар саргаштае дар даври паргорам,
Агар хун меравад аз қалби хунборам,
Намонам бори худро бар замин як дам,
Ки бар манзил барад манро фақат борам.

## ДЕҲҚОН

Саховатҳои деҳқонро замин донад,
Баҳои давлаташ меҳнатқарин донад.
Кулӯху хоки саҳрояш бувад тахте,
Чунин тахти абад саҳронишин донад.

Нахонад хешро аз хоки раҳ боло,
Баландиҳои ӯро доначин донад.
Кунад ӯ саҷда бар хоки Ватан умре,
Шарафро аз арақҳои ҷабин донад.

## РОЗИ ЧАШМА

*Барои Бозор Собир*

Махонедам, ки ҳамрозе ба ҳар сангам,
Зи байни сангҳо гарчи равонам ман.
Ба ашки хеш пои санг мешӯям,
Равонбахше ба ҷони ташнагонам ман.

Ба сони ашкҳои Саъди Салмонам,
Ба зери сангҳо пинҳону бесомон.
Бишустам ашкҳои чашми Фирдавсӣ,
Ба ҷони хастаи Шоҳин шудам дармон.

Ба Сино қатраи обе зи лаб додам,
Ки бар дӯшам ғаму дарди замон мебурд.
Зи оҳи ҷонгудозаш софтар гаштам.
Ки оҳу додҳо ӯ аз ҷаҳон мебурд.

Равонам ман зи рӯи регҳо хомӯш,
Ба саф истода ҳар санге ба озорам.
Надорам бок ман аз садди раҳ ҳаргиз,
Ки донам мисрае аз шеъри Бозорам.

## ДЕҲҚОНИ ПИР

Бувад саҳро зимистон сарду хомӯш,
Дару девори деҳқон шӯша баста.
Даруни хона дорад ӯ тамошо
Каланди хешро дар гӯша баста.

Бикарда тарк ӯро навҷавонӣ,
Нишони паҳлавониаш каланд аст.
Тамоми умр бар деҳқони комил
Каланди ӯ чу қадри нон баланд аст.

Намонда қуввате дар дасту бозӯ,
Ниҳоли қоматаш поён хамида.
Зи дасти ӯ наояд кор дигар,
Каланд аз панҷаи ларзон рамида.

Хаёле мекунад бо хеш деҳқон,
Ки бе ӯ пушта ношудгор монда.
Бибояд киштгардонӣ заминро,
Замин аз қуввату аз бор монда.

Напӯшад кӯрпаи барфин заминро,
Даруни пераҳан табларза карда.
Ба ёд оварда даври навҷавонӣ,
Ба ҳасрат тахти ришаш қабза карда.

Надорад шиквае аз зиндагонӣ,
Вале аз дасти пирӣ ӯ ҳазин аст,
Хаёлаш нест ӯ даркор бар кас,
Ҷудо аз осмону аз замин аст.

Баҳор аз доманаш гар дона пошад,
Бидонад ҳамдами даври замон аст.
Ҷавонӣ гул кунад дар чеҳраи ӯ,
Агарчи қоматаш ранги камон аст.

Надорад шиквае аз зиндагонӣ,
Ҷавонии ҷаҳон дар синаи ӯст
Нахонад хешро аз хок боло,
Заминаш минбари деринаи ӯст.

Агар серӣ набахшад хони деҳқон,
Ҳамегардем мисли дар ба дарҳо.
Фақат як порае аз нони деҳқон
Мададгор аст моро дар сафарҳо.

## ХОКИ ПАДАР

Дер рафтам бар сари гӯри падар,
Хоки модар, ҳам падар гум кардаам.
Дар миёни гӯрҳои ноаён
Ногаҳон роҳи гузар гум кардаам.

Ашкҳои чашми ман ҷӯбор шуд,
Ашкҳои монда аз марги падар.
Ашки сӯзон рехтам ман бар замин,
Аз замин бар ман намеомад хабар.

Хурд будам, марг ҳам афсона буд,
Рӯзи марги модарам дар ёд нест.
Пеш аз маргаш падар пандам бидод:
«Ман, ки рафтам, ҳоҷати фарёд нест».

Ҷустаму пайдо нашуд гӯри падар,
Лек донам дар замин аст хуфтааст.
Баски ӯ сарбози собиқ будааст,
Дар замин чун дар камине хуфтааст.

Ҳар куҷо аз мадфани аҷдоди ман
Сарҳади хоки диёрам бигзарад.
Дар ғаму шодии халқ аз чашми ман
Обҳои чашмасорам бигзарад.

Ин Ватан чун хоки аҷдоди ман аст,
Посбони хоки аҷдодам ҳаме.
Аз барои хотири хоки падар
Ҷонфидои мулки ободам ҳаме.

## ҲАНӮЗ АШК МЕРЕЗАМ

Нахуфтам шаб зи доғи марги фарзандам,
Гирифтам роҳ бар сӯи мазористон.
Раҳораҳ ашк ҷорӣ кардам аз чашмон,
Фишурда ман сарамро бо кафи дастон.

Зи рӯи майсаи навхез мерафтам,
Ки ашки майса буд дар роҳи ман ҷорӣ.
Зи дарди ишқ менолид як булбул,
Чу ёри ман ба ҳангоми азодорӣ.

Чакон хун аз дилам бар чеҳраи гулҳо,
Сарои мотаме буд бар сарам олам .
Даруни зулмати шаб кардам афғоне,
Намепурсид ҷонзоде, чӣ менолам?

Хазони шохаи садбарги хушкида
Дили зори маро пур аз алам мекард.
Хазони сабзаҳои хоки навбунёд
Чу ханҷар қалби чокамро қалам мекард.

Даруни қатраи ашкам бишуд пайдо
Ҷигарбандам, ки зери хок мехобид.
Надида ӯ ғаму шодии оламро,
Даруни дидаи ман пок мехобид.

Ҷигарбандам ба оғӯшам талоше кард,
Вале бо ашкдоне шуд зи сар канда.
Ҳанӯзам ашк мерезам ба ночорӣ,
Ки рӯзе мешавад дар чашми ман зинда.

## САНГ

То насӯзад з-оҳи модарҳо ҷаҳон,
То нарезад зиндагӣ барги хазон,
Санг мемонанд бар рӯи мазор,
Ҳамчу таскине ба дилҳои фигор.
Тифлаки беморро андар ҳаёт
Санг меноманд аз баҳри наҷот.
Аз барои ёдбуди қаҳрамон
Ҳайкали сангин тарошанд одамон.
То ки монад зиндагонӣ то абад,
Одамӣ аз санг ҳам ҷӯяд мадад.

## ВАСИЯТ

Одате бошад, ки халқам аз қадим
Хокдонро дар сари роҳаш кунад.
То ки созад мардум аз наздаш гузар,
Бетамаъ ёде зи арвоҳаш кунад.

Маргро бар роҳгузарҳо бегубон
Ҳар мазоре хоҳу ноховҳ оварад.
Ваҳми мурдан, ваҳми ҷон кандан маро
Қабрҳои гӯшаи роҳ оварад.

Ман ҳам инсонам, каси мирандаам,
Вақташ ояд, хок оғӯшам кунад.
Ҳеҷ кас номам наорад бар забон,
Ёри ҷонӣ ҳам фаромӯшам кунад.

Лек дур аз раҳ маро мадфан кунед,
Ояти арзон наояд то ба гӯш,
Хоки ман то сӯзу сози ишқро
Дар дилу ҷоне нагардонад хамӯш.

## БАРОИ ОДИНА ҲОШИМ

Чаҳ-чаҳи булбул барор аз пардаҳои соз ту,
Зиндатар кун сатрҳои Хоҷаи Шероз ту.

Ҳар касеро сабки ҳиндӣ оварад душворҳо,
Бандаи Бедил кунаш бо шарбати овоз ту

Рӯдакӣ эҳё шавад дар нолаҳои барбатат,
Санъати аҷдоди моро беҳтарин устоз ту

Базму шодӣ мебарӣ аз манзиле бар манзиле,
Хонадони тоҷиконро ҳофизи беноз ту.

То ки бошад санъати аҷдоди мо доим баланд,
Во бикун бо пардаҳои тори худ эъҷоз ту.

## МАСХАРА

Гаҳе бошӣ чу марди пандӯ бар шоҳ,
Гаҳе чун зочае бар зери чанг ой.
Намой мадҳи олӣ ҳафт пушти шоҳ,
Зи зарби дарраҳо рӯзе ба танг ой.

Дилат гирдоби ғам аз гардиши айём,
Барои мардуми шарманда меҳандӣ.
Насӯзад амри золим аст ҳастӣ,
Забони ӯ аз ин бо ханда мебандӣ.

Шавад ҳар рӯз корат бо набард оғоз,
Намой хешро бозичаи дарбор.
Бимонад шоҳ то дар рӯзи нав хушҳор
Намой нағмаҳои кӯҳнаро такрор.

## ЧАРОҒИ ГӮР

Ба рӯи қабрҳои кӯҳнаи саҳро
Чароғи милмилак ҳамвора месӯзад.
Гумон созӣ ба ёди хуфтагон ҳар шаб
Замин чун модари бечора месӯзад.

Наояд бар суроғи хокдон шахсе,
Зи ёди одамон рафта мазористон.
Бибаста кӯч одамҳо аз ин манзил,
Бидода турбати аҷдод аз дастон.

Надорад ин мазори кӯҳ дарвоза,
На нақше монда аз пои ҳисори он.
Набинвишта ягон ҳарфе ба санги гӯр,
Хасу хори хазоне дар канори он.

Бари ҳам монда сар бар хок хокиҳо
Намедонӣ кадоми он мазори кист.
Ба рӯи хок хор оҳиста меларзад,
Намедонӣ зи оҳи ғамгусори кист.

Надорад як аламчӯбе сари боло,
Бувад сархам ба рӯи гӯр маҷнунбед.
Сари худро ба хок афканда ҳар сабза.
Биканда аз ҳаёти худ сари умед.

Агарчанде надорад хокдон соҳиб,
Чароғаш ворили арзанда мемонад.
Биёбад гумраҳе то хоки аҷдодон,
Чароғи хокдонҳо зинда мемонад.

## ДАРСИ АВВАЛ

*Барои муаллим Мирзо Ғафур*

Дарси аввал ҳамчу нақши неки ту дар ёд монд,
Ҳарфи аввал аз бароям матлаи эҷод монд.

Мактаби деҳам агарчанде ки буд аз похса,
Лек дар бунёди ободам басе обод монд.

Аз ҳамон дам додаӣ бар дасти ман лавҳу қалам,
Санъати шеъри Аҷам дар синаам бунёд монд,

Ҳамчу хобе мерасад ҳамдеҳагонам бар хаёл,
Чун баҳои зиндагиям ҳикмати устод монд.

Орзу кардам, ки хонам бори дигар дарси ту,
Дар сарам ин орзу чун гарди гул дар бод монд.

Дар талоши зиндагӣ кардам сари худро сафед,
Кӯдакиям бо ту дар оғӯши Файзобод монд.

## ҒАЗАЛ

Маст гардам ҳар нафас ман бо хаёли рӯи ту,
Улфати шабҳо манам дар ҳасрати гесӯи ту.

Тарки деҳам кардаам, аммо пушаймон нестам,
Аз садоқат як ҷаҳоне дод бар ман кӯи ту.

Рақси дил аз васли рӯят медиҳад бар ман хабар,
Хона гулшан мешавад аз мақдами некӯи ту.

Оҳи сӯзони Муҳаммад мекунад ҳолат хароб,
Ноз камтар кун, ки сӯзад байти ду абрӯи ту.

## СУРОҒ

Дар суроғи кӯи ту манзил ба манзил меравам,
Масти ишқам, бӯса дар лаб, сӯз дар дил меравам.

Бастаи зулфони шабгунат ҳама фикру хаёл,
Сӯи ишқи соддаи ту ҳамчу оқил меравам.

Бодбони умри манро мавчи тӯфон мебарад,
Гир дастам, дар талошат сӯи соҳил меравам.

Сахт бошад рӯзи ман гар бигзарад бе рӯи ту,
Бо хаёли рӯи ту аз дард ғофил меравам.

## САЙРИ ГУЛ

Сайр кардам дар гулистон як саҳар,
Дӯхтам бар чеҳраи гулҳо назар.

Лола аз боди сабо дар ларза буд,
Ҳар бунафша саргарон аз ғамза буд.

Наргисе монанди чашмони сиёҳ,
Гӯиё мекард бар рӯям нигоҳ.

Хандаи садбарг чун нози нигор,
Мерабуд аз қалби ман сабру қарор.

Ашки чашми булбули шабзиндадор
Косагул мекард бар роҳам нисор.

Бойчечак чун набуд андар миён,
Рамзи ишқи аввалинам дар ҷаҳон,

Лол мондам, ашки дар чашмон шудам,
Дар хаёлам қатраи борон шудам.

## ХАНДАИ УСТОД

*Устод Мирзо Турсунзодаро чунин хоб дидам*

Хоб дидам, дида пӯшидӣ зи олам, устод,
Рӯзи маргат дар азо бас дӯстони ҷонфидо.
Ҳар яке оварда як дам хотири некат ба ёд,
Мекунад бо бӯсае бо пайкари покат видоъ.

Бӯса кардам ман даме баҳри видоъ рухсораат,
Ногаҳон афтод рӯят ашк аз чашмони ман.
Боз кардӣ дида сӯям, хандаи якбораат
Хушк карда қатраҳои ашк дар мижгони ман.

Аз ҳамон шаб хоҳ хобам, хоҳ бедорам, падар,
Хандаҳоят пок созад ашки ҳасрат аз дилам.
Ҳар қадар ман ашк резам, ашк резам ҳам дигар,
Хандаборон, шеърборон менамоӣ манзилам.

## СУРУДИ ҶОНФИЗО

*Барои Мастона*

Суруди ҷонфизоят дар бари дил хона мемонад,
Ба роҳи булбулони зор дому дона мемонад.

Барад моро суруди ту ба даврони ҷавониҳо,
Ҷавонию ҷунун аз ошиқи фарзона мемонад.

Намоӣ шомафрӯзӣ ба базми ҳар тарабхона,
Пас аз базму тараб болу пари парвона мемонад.

Суруди «Алла» хонӣ бар сари захвораи тифлон.
Садоят бар навою нолаи Таҳмина мемонад.

Кунад ҳар кас хаёли тораи зулфи парешонат,
Ҳавас андар дилу дар шохаҳои шона мемонад.

Набошад бохабар ҳар кас зи лаҳни шаҳдбори ту,
Ба рӯяш то абад маҳкам дари майхона мемонад.

Фалакро нест парвое ба фарзандони дилогоҳ,
Навои нолаи Маҷнун ба ҳар вайрона мемонад.

Ҳазорон мутрибон хонанд андар саҳнаи тоҷик,
Барои санъати мо ҷовидон Мастона мемонад.

## МУҲАББАТ

Бар сарам ҳар шаб хаёли васли ҷонон мерасад,
Бар машомам накҳати гул аз гулистон мерасад.

Мешавӣ чун пеши ман бо чашми хандон ҷилвагар,
Аз тамошои рухат шомам ба поён мерасад.

Гаҳ намоӣ рӯи зебо, гаҳ шавӣ аз ман панаҳ,
Дар хаёлам сафҳаи умрам парешон мерасад.

Бедилон аз чеҳари он моҳи тобон маҳруманд,
Аз муҳаббат равшанӣ бар қалби инсон мерасад.

## САРВАРИ МУЛКИ МУҲАББАТ

Донаи гумкардаам пайдо шавад,
Сабз гашта майсаи зебо шавад.

Аз табассумҳои гарми дилбарон
Ашки шоди ошиқон дарё шавад.

Қалби ошиқгаштаам аз ишқи пок
Парчаме бар меҳвари дунё шавад.

Пеши пои дилбарон сар мондаем,
Аз муҳаббат қадри мо боло шавад.

Сарвари мулки муҳаббат ошиқ аст,
Булҳавас дар шаҳри мо расво шавад.

## ҚАЛАМ

Эй қалам, шабзиндадорам кардаӣ,
Сӯи мақсад раҳсипорам кардаӣ.
Месароям аз тароватҳои гул,
Дарди булбул баски ёрам кардаӣ.
Васфи дилбар зеби дафтар мекунам,
Дар вафо соҳибшиорам кардаӣ.
Зери гардун по ниҳам бо амри ту,
Ростиро роҳи корам кардаӣ.
Равшанӣ ҷӯям дар ин шабҳои тор,
Бар ҳаёт оинадорам кардаӣ.

## ХАНДАИ ДИЛБАР

Хандаи бедарди дилбар зеби гулшан мешавад,
Шом ҳам бар ошиқи дилдода равшан мешавад.
Аз муҳаббат некмардон ҷовидонӣ ёфтанд,
Ишқ бар ҷону дили ман мисли ҷавшан мешавад.
Мешавам озод ман аз ҳалқаи дарду алам,
Зулфи мушкин ҳалқа чун бар гардани ман мешавад.
Дер ояд дилбарам як дам ба гулгашти чаман,
Майса андар зери поям неши сӯзан мешавад.
Рӯзи Наврӯз аз баҳори ишқи покаш муждаест,
Чун Муҳаммад ҳар касе пазмони Савсан мешавад.

## МУАЛЛИМ

Муаллим раҳбари илми замон бошад,
Муаллим рӯҳбахши одамон бошад.
Ба дилҳо кишт месозад муҳаббатро,
Ҳаме тухми хирадро деҳқон бошад.
Кунад равшан ба мо имрӯз фардоро,
Хабардор ӯ зи асрори ниҳон бошад.

Кунад парвоз инсон дар само нотарс,
Муаллим дар замин чун нуқтадон бошад.
Расонад одамонро бар муроди хеш,
Муаллим ҷумларо мақсадрасон бошад.

## ХАНДАИ ГУЛ

Навбаҳор омад, ба олам навҷавонӣ медиҳад,
Хандаи гул ошиқонро ҳамзабонӣ медиҳад.
Маҳвашони тангдилро дил кушояд аз чаман,
Булбулонро накҳати гул нағмахонӣ медиҳад.
Резаборон ашки шодии кишоварзон шавад,
Қатраи борон ба қалбам шодмонӣ медиҳад.
Дар талоши васли ҷонон ман будам хуни ҷигар,
Дилбарам, бин, бӯса бар ман ногаҳонӣ медиҳад.
Ёри маҳбубам, дигар маҳкам бидор аз дасти ман,
К-ин Муҳаммад меҳри дилро ҷовидонӣ медиҳад.

## МАН БА ДУНЁ ОМАДАМ

Ман ба дунё омадам, то ин ки дунё офарам,
Риштаҳои дӯстӣ аз тори дилҳо офарам.
Дастаҳои гул, ки бандад қалби дилдорон ба ҳам,
Даста-даста баҳри ёрон ман зи гулҳо офарам.
Хонаҳоро ошиқон аз сӯхтан равшан кунанд,
Аз шарори қалби ошиқ шамъи гӯё офарам.
То набошам раҳгуме дар роҳи ишқи хештан,
Нури поки ишқро бар қасди шабҳо офарам.
Ташнагони ишқро гар шеъри ман афтад писанд,
Ашки шодӣ резаму з-он мавҷи дарё офарам.

## МЕПАРАСТАМ

Маҳв бинмоям зи олам маслаки Заҳҳокро,
Зинда созам дар замирам Коваи бебокро.
Афканам дар косаҳои чашми Ковус хокро,
Аз замин бардорам он Таҳминаи ғамнокро,
Пора карда бо нидоям синаи афлокро.

Зинда гардад Рӯдакӣ дар мазҳабу имони ман,
Рӯдакӣ бино шавад дар шӯълаи чашмони ман.
Бӯалӣ ояд ба ҳуш аз дорую дармони ман,
Родмардони ҷаҳон бошанд ҳамдардони ман,
Нӯшдору мешавам ман синаҳои чокро.

Марг мебошам барои ҳар каси бадхоҳ ман,
Қутб мебошам барои мардуми гумроҳ ман.
Бо ҳақиқатҳои олам мезиям ҳамроҳ ман,
Сӯз бо ман, соз бо ман, дод бо ман, оҳ-ман,
Мепарастам ишқрову одамони покро.

## РАҚСИ ЧУМЧА

Мебарад дилро ду чашми масти ту,
Чумчаҳои хушсадо бар дасти ту.
Бо хумору ноз дар ҷавлон аст
Моҳи нав дар санъати Хатлон туӣ.

Рақс бинмо, ман ба рақсат қоилам,
Рақси зебо завқ орад бар дилам.

Дар ҳавои чумчаҳои хушсадо
Мешавӣ чун бахти хандон хушнамо.
Саҳнае аз хандаат гул мекунад,
Оламе аз ханда ғулғул мекунад.

Рақс бинмо, ман ба рақсат қоилам,
Рақси зебо завқ орад бар дилам.

Ошиқам бар ҳусни меҳрафзои ту,
Бандаам бар санъати зебои ту,
Домани ту домани субҳи сафед,
Рақс дорад бо ту дунёи умед.

Рақс бинмо, ман ба рақсат қоилам,
Рақси зебо завқ орад бар дилам.

## ГУЛДОН

Бадар кардам яке гулро,
Ки буд пажмурда дар гулдон.
Назар бори дигар кардам,
Ки буд дар бӯстон хандон.

Равон гаштам канам гулро,
Ба сӯяш шод бурдам даст.
Шунидам нолаи булбул,
Зада гулдони ман бишкаст.

## ПАРВОНА

Як шабе парвона аз парвоз монд,
Чанд гоҳе бо ман ӯ ҳамроз монд.
Сӯзи болаш беқарораш менамуд,
Шикваҳо аз ҷабри ёраш менамуд.
Карда ӯ бо дард бар шамъаш назар,
Аз барояш пора мекардӣ ҷигар.
Гуфтам «эй парвона, аз чӣ дар азоб
Монда ҷонат, мекунӣ худро хароб.
Шамси олам мекунад равшан ҷаҳон,
Баҳра бахшад доимӣ бар одамон.

Ҷо накардӣ ишқи покашро ба дил,
Ишқи шамъе мекашад поят ба гил?»
Гуфт: «Шамс аз аҳли ин олам бувад,
Ишқи ӯ аз баҳри ҳар одам бувад.
Шамъи ман чун баҳри ман дорад вуҷуд,
Дар вафояш медиҳам сад ҷони худ».

## БА ЁДИ ТУ

Ба ёдат ҳаст? Маҷнунро сано гуфтам,
Сухан аз чашмаи меҳру вафо гуфтам.
Чанори сояафкан ҳамдами мо буд,
Муҳаббатро ба ҷону дил даво гуфтам.

Намедонам куҷо ёбам туро дигар,
Хаёли васли ту бошад маро бар сар.
Туро ҷӯям ба ҳар кӯе садо карда,
Гумон дорам маро ҷӯӣ ту ҳам, дилбар.

Гувоҳи ишқи поки мо чаноронанд,
Рамузи ишқи мо танҳо баҳоронанд.
Намедонам гуноҳам чист дар дунё,
Туро бурданд, бар наздам намеоранд.

Ба зери он чанорон ман хамӯш оям,
Садои хандаҳои ту ба гӯш, оям.
Чанор акнун ба ёд орад ҷавониро,
Ба ёди ту, ба ишқи ту ба ҷӯш оям.

## ШЕЪР ГӮЯМ

Шеър гӯям ҳар даме дар васфи ту,
Дар назар рӯят намоён мешавад.
Дида дӯзам ноаён бар чашми ту,
Мезанад дил, вазн вайрон мешавад.

Монда чинҳо бар ҷабин устоди ман,
Сатрҳоро мезанад аз нав қалам.
Мешавӣ оҳиста пинҳон аз назар,
Мекунад ин кори ӯ бар ман алам.

Мекунӣ рӯзе агар арзи вуҷуд
Ногаҳон дар мисраи ободи ман,
Хома бардорад агар устод боз,
Дар хаёлам сӯзад он бунёди ман.

## ДАРБОН

Ба ман фаҳмонд сардорам,
Ки бошад мансабаш олӣ.
Ҳамеша кори ӯ бисёр,
Надорад як дами холӣ.

Ситода назди дар доим,
Намонам назди ӯ ҳар кас.
Биояд шахси бекоре,
Бигардонам зи роҳаш пас.

Дарояд шахси фориғбол
Бигирад вақти тиллояш.
Бидорад дасти ӯ аз кор,
Дигар бинмояд авзояш.

Биомад назди дар як рӯз
Ҷавони бадзабону маст.
Гирифтам роҳи ӯ дарҳол,
Бизад дандони ман бишкаст.

Будаст ӯ додари сардор,
Надонистам, хато кардам.
Барои ин хатои худ
Ба ҷои худ видо кардам.

## БА АБДУҚОДИР УМАРОВ

Ба роҳи рост доим дар сафар бошӣ,
Зи душвории ин раҳ бохабар бошӣ.

Дар ин раҳ ёфтаст умри абад инсон,
Аз ин роҳи саодат баҳравар бошӣ.

Нахӯрда нон зи хони нокасон ҳаргиз,
Фақат санги қаноат дар камар бошӣ.

Ба ҷуз некӣ надорӣ дар ҷаҳон фикре,
Саховатпешаю соҳибназар бошӣ.

Барӣ умре ту бори худ ба дӯши худ,
Зи бори миннати кас дар ҳазар бошӣ.

Занад санги маломатҳо ба қалби ту,
Ба рағми душманон шӯру шарар бошӣ.

Бимонӣ, дӯстам, дар роҳи ҳақ ҷовид,
Барои мо азизу мӯътабар бошӣ.

## ЗИНДОНӢ

Устоди илм аз дорулфунун
Чанд соле, ки ба ман ҳамсоя аст,
Бо тамоми мардуми аҳли гузар
Ҳамдаму ҳаммаслаку ҳампоя аст.

Лек вақти имтиҳоноти қабул
Аз миёни ҷамъият гум мешавад.
Карда маҳкам ӯ дари худ аз дарун,
Таънасори байни мардум мешавад.

Духтараш гӯяд, ки ӯ дар хона нест,
Модараш гӯяд, ки бар Варзоб рафт.
Завҷааш бо ҳасрату дарду алам
Арз созад,-шавҳараш нотоб рафт.

Гашт маълум оқибат бахри ҳама
Ӯ зи дасти пора пинҳон будааст.
То надорад порадеҳ аз доманаш,
Хона баҳраш ҳамчу зиндон будааст.

## НАЗОРАТЧӢ

Назоратчӣ биёмад ҷумъабозор,
Ки созад тартиботи он назорат.
Чу ҷаллобе фитад бар даст ногаҳ,
Барад доманкашон ӯро вазорат.

Назар бинмуд ӯ бар аҳли ҷаллоб,
Набуд ноошное ҳам ягона.
Кашид оҳу баромад ӯ зи бозор,
Равон шуд киссаи холӣ ба хона.

## ҚИТЪАҲО

Дилбарам, чун бори аввал шеърро сар кардаам,
Ишқи поки хешро бар хеш раҳбар кардаам.
Ҳарфи ман чун ояти сидқу вафо бинмо қабул,
Ман забони хомаро дар хуни дил тар кардаам.

То ки хандад чеҳрае, сад чеҳра пурнам мешавад,
Шод монад то диле, сад қалб пурғам мешавад.
Кирдугори зиндагӣ монад бар он тиру камон,
То яке чун рост гардад, он дигар хам мешавад.

Шеърҳои ман гувоҳи завқу шодии мананд,
Дар тариқи зиндагониям мунодии мананд.
Гар нагуфтам аз барои дӯстон шеъри сафед,
Баргҳои дафтари ман рӯсафедии мананд.

Чок-чоки чокаки шабкӯр хомӯшам намуд.
Аз паси маҳтоб гаштам, маҳ фаромӯшам намуд.
Такя кардам ҳамчунон гумгашта бар девори ту,
Сояи девори ту шоми сияҳпӯшам намуд.

Бахти раҳгумкардаам дар давраи паргор монд,
Қалби ошиқгаштаам дар шохаи ҳар хор монд.
Ёди рӯят карда мондам барги гулҳоро ба чашм,
Акси рӯят бар сарам ду дидаи хунбор монд.

Бо имое духтаронро банда месозем мо,
Гоҳ худро бесабаб шарманда месозем мо,
Саъйи мо гоҳе ки беҷо рафт аз мо, бок нест,
Хандаҳои дилбаронро зинда месозем мо.

Ҳар даме аз ишқи инсонӣ ҳикоят мекунад,
Ҷони мо аз дилбари ҷонӣ ҳикоят мекунад.
Қалби худро мекушоям пеши дилбар чун китоб,
Ин китоб аз Юсуфи сонӣ ҳикоят мекунад.

Теғи ҷонбахши табибам бар тани ман дарз монд,
Дар хазонрези ҳаётам нахли умрам сабз монд.
Ин гулафшони ҳаётам ҳадяе аз теғи ӯст,
Ҷони ман дар назди теғи тези ӯ чун қарз монд.

Хандаҳоро гул барои булҳавасҳо мекунад,
Бар наҷоти булбулони зарқафасҳо мекунад.
То бисанҷад ошиқони бовафои хешро,
Ҷои худро он даруни хору хасҳо мекунад.

Дилбарам дар кӯи ман гоҳе намоён мешавад,
Нури чашмам аз висолаш барқи рахшон мешавад.
Гуфтамаш боре, ки ҷонам, аз чӣ бошӣ камнамо?
Гуфт: «Бисёрам бубинӣ, ишқ арзон мешавад.»

Барф худро бар дарахтон беҳтарин дастор кард,
Дар назар пасту баландии ҷаҳон ҳамвор кард.
Бурд он чун фарқи байни хору гулҳои замин,
Шӯшаҳоро гӯшвори гӯшаи девор кард.

Карда оғӯш ин заминро барф майли хоб кард,
Барги гулҳоро фитонду мурғакон бетоб кард.
Офтоб, он ошиқи гулҳо баромад аз саҳар,
Найза зад бар қалби барфу чашми он пуроб кард.

Ин фалак ҳар дам, ки ранги зарду аҳмар мезанад.
Дар хаёлам ҷони покамро ба ханҷар мезанад.
Зери теғи беамони чарх меёбам наҷот,
Хомаи ман теғи ҳақро баски бар сар мезанад.

Родмардони ҷаҳон бо ишқи меҳнат зиндаанд,
Баҳри ҳифзи номи неку ҳам адолат зиндаанд.
Шоҳроҳи ҳар яке дунёи нав аз баҳри мост,
Дар ҷаҳони ҷовидон бо зиндамиллат зиндаанд.

Меҳри тобон порае аз ишқи сӯзони ман аст,
Оташи рӯи замин аз ахгари ҷони ман аст.
Гар хаёли ишқи ман дорӣ, биё қалбам гудоз,
Сӯхтанҳо, сохтанҳо баски дармони ман аст.

# ШОМИ ИСЁНӢ

Ҳар шабе бо хеш исён мекунам,
Ман чароғи сина гирён мекунам.
Зулмати шабҳо парешон мешавад,
Одаму олам намоён мешавад.
Бо салобат бигзарад аз чашми ман
Душмани ман, карда афзун хашми ман.
Он кӣ чандин ҳилаю найранг кард,
Ҳалқаҳо дар гардани мо танг кард.
Он кӣ қасре то фалак афрошта,
Даст андар хуни мардум дошта.
Он кӣ аз ӯ кӯчаҳо пурхун шуда,
Вақти тангӣ аз Ватан берун шуда.
Луқмаи бечорагон аз лаб гирифт,
Пора дода оқибат мансаб гирифт.
Чанг дода бигзарад мошинсавор,
Аз барам ҳамсояи ман бо виқор.
Сӯи ҳар кас ӯ табассум мекунад,
Худнамоӣ байни мардум мекунад.
Як замоне пайрави ислом буд,
Муслимонро сарвари хушном буд.
Вақти сахтӣ аҳли имонро фурӯхт,
Душмани дин қадри «Қуръон»-ро фурӯхт.
Гарчи ӯ ҳам зодаи инсон бувад,
Дар амал як габри беимон бувад.
Ҳар ҳаромӣ ҳосили фатвои ӯст,
Ҳар хазон аз касратии пои ӯст.
Бигзарад он дузду ғоратгар ҳаме,
Качкулоҳи сарварӣ дар сар ҳаме.
Он кӣ моли халқ бар яғмо бибурд,
Каллаи аҳли хирад савғо бибурд.
Аз ғазаб ояд дилу ҷонам ба ҷӯш,
Аз даруни синаам ояд хурӯш.
Ай, Худои меҳрубону арҷманд,
Аз чӣ медорӣ палидонро баланд?

Ҳақпарастон ҳар кучое хору зор,
Бо гуноҳи андаке дар пои дор.
Зумраеро додаӣ шаклу намуд,
Маънии одам надорад он ба худ.
Олами ободро вайрон кунад,
Аз азал ӯ кори сад шайтон кунад.
Ай, Худои меҳрубону муттаол,
Офаридӣ ҳар якеро чун кулол.
Метавонӣ одамиро аз ниҳод
Фикри шайтонӣ диҳӣ бар дасти бод.
Одамӣ то ин ки чун одам шавад,
Заррае аз дасти ӯ олам шавад.
Заррае аз бандагони хокиям,
Дар талоши ростию покиям.
Нолаи бечорагон бар гӯши ман,
Дардҳои бедаво бар дӯши ман.
Хандаю шодӣ маро бегона аст,
Дарду ҳасратҳо ба ман ҳамхона аст.
Доимо бо душманонам дар набард,
Душманонам ҳамчу кӯҳе, ман чу гард.
Даст деҳ, фаттоҳ дар майдон шавам,
Марҳаме бар захми ҳар инсон шавам.
Гар набахшоӣ ба ман қудрат чунин,
Илтиҷоямро шунав аз ин замин.
Шоми зулматро мабар аз хонаам,
Мон, ки монам ҳамдами афсонаам.
Ҷони моро тоқати ҳар сӯз нест.
То ба хунхоре наоям рӯ ба рӯ,
Нораво донам ба эшон гуфтугӯ.
Дидани ҳар нохалаф дил хун кунад,
Захмҳои синаам афзун кунад.
Мон, ки бошад шоми исёнии ман,
Мон, ки монад шоми инсонии ман,
Мон, ки дар зулматсаро исён кунам,
Пайравӣ бар шеваи инсон кунам.

## ҚАШҚАРОҲА

Қашкароҳа-деҳаи пурфайзи Файзободи ман,
Хоки роҳат сурмавори дидаи ҳақдоди ман.
Дар бари домони поки ту ба дунё омадам,
Хоку обу меҳри гарми ту бувад бунёди ман.
Шеъри ман чун чашмаҳои софи ту ҷорӣ шавад,
Гарди роҳи ту бувад чун матлаи эҷоди ман.
Меҳрихола дӯхт бар ман ҷомаи тифлонае,
Ҷомаи зебандае бар қомати шамшоди ман.
Момаи Сабз аз бари гаҳвораи мо менишаст,
Аллагӯиҳои ӯ мондаст андар ёди ман.
Айни тифлӣ кардаам дар кӯчаҳоят дав-давак,
Мерасад аз кӯҳҳот имрӯз ҳам фарёди ман.
Ман ба ҳар гарду гиёҳи рӯи роҳат ошиқам,
Бӯсаи хоки ту дод илҳому истеъдоди ман.
Раҳгузарҳо чор фасл аз нону обат баҳраманд,
Аз ту омӯзад саховат кишвари озоди ман.
Васфи мардон, васфи модарҳои некат мекунам,
Гар кунад илҳоми ман дар ин амал имдоди ман.
Гарчи ин дам бас баҳору бас хазоне дидаам,
Аз ту бошад хотиру хотираҳои шоди ман.
Вақти маргам як кафе аз хоки покат орзуст,
То ки гардонад муаттар турбати ободи ман.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, ҷои ту дар хонаи чашмони мо,
Ҳифзи хоку оби покат қарз бар виҷдони мо.
Саҷдаи хоки сиёҳат мурдаро ҷон медиҳад,
Ҳар гиёҳи кӯҳсорат дорую дармони мо.
Мекунад аз нав забони модарӣ нашъунамо,
Фахр бар фарзанд дорад модари даврони мо.
Сар халонад гар адӯ андар фазоят, сар занем,
Сар фурорем аз барои он шавад меҳмони мо.

ГЭС-и Норак нур бахшад аз камоли дӯстӣ,
Дӯстонро ҷо бувад андар дилу дар ҷони мо.
Эй умеду орзуи тоҷики рӯи замин,
Мешавӣ эҳё зи нав чун Давлати Сомони мо.
Тоҷики мотамкашам, каш ҷомаи мотам зи бар,
Медамад субҳи абад бар чеҳраи хандони мо!

## ВОРИС

*Барои Қодири Раҳим*

Ворисӣ фарзонаӣ бар илму бар фарҳанги мо,
Посбони устувору номусу ҳам нанги мо.
Мекунад фарҳанги халқ аз ғайратат нашъунамо,
Борбад эҳё шавад дар нолаҳои чанги мо.
Ҳастии фарҳанг дорад халқи моро ҷовидон,
Нақши миллат ёфтӣ дар синаи ҳар санги мо.
Аз суруди мотамӣ буд оламе зулматсаро,
Бо навои нав кушодӣ синаҳои танги мо.
То ки бошад шаҳри мо чун хонаи ваҳдат мудом ,
Дӯстиро карда ҷо дар нағмаю оҳанги мо.
То биёбад ҳарфи мо дар байни мардум эътибор,
Бо наво бахшида ҷон бар мисраи беранги мо.
Ҳар гаҳе бошавқи дил дар маҳфиле гӯӣ сухан,
Рақс созад тораҳои ин дили безанги мо.
Ворисӣ фарҳанги миллат, ҷовидону зинда бош,
Қисса хон аз рӯзгори шоди рангоранги мо.

## ШЕЪРИ МАН

Шеъри ман аз қалби пурхун мечакад,
Чун шароби ишқи Маҷнун мечакад.
Маст гарданд ошиқон аз қатрааш,
Шеъри ман дар кӯҳу ҳомун мечакад.
Меравад бо дард аз неши қалам,
Аз раҳи безавқ берун мечакад

Ошиқонро мерасонад бар мурод,
Гарчи худ пурдарду маҳзун мечакад.
Бо хаёли дилбарони сарвқад
Сатрҳоям рост, мавзун мечакад.
Ҳар гаҳе аз ишқ меронам сухан,
Мисраам чун ганҷи Қорун мечакад.
Ай Худо, ошиқтарам ҳар рӯз соз,
Гарчи хун аз сина афзун мечакад.

***

Бо ҳавою шавқи дил бар базму маҳфил мерасем,
Заҳмати дарё надида то ба соҳил мерасем.
Сарвату савлат барад бар минбару тахти баланд,
Фикр бояд, чун ба мулки шоҳи одил мерасем.
Мекашем аз кибр бар бечорагон теғи ғазаб,
Мерасад рӯзе ба ҷои сайди бисмил мерасем.
Орифонро чашми гирёни ятимон ибрат аст,
Кай зи роҳи чашм мо бар Қаъбаи дил мерасем?
Худсариҳо карда дар маънии дил раҳгум задем,
Кай ба қадри сӯҳбати як шахси оқил мерасем?
Ростиҳо ҷустаем аз қомати болои ёр,
Ай, Муҳаммад, кай ба дарки ишқи комил мерасем?

## ПОЙ МОН БАР ЧАШМИ МО

Ҳар касе дар сӯҳбати ту майлу одат мекунад,
Бехабар аз хештан тарки ибодат мекунад.
Не шаробу не кабобе оварад бар ёд ӯ,
Бар тамошои ҷамоли ту қаноат мекунад.
Аз ту омӯзад гули наргис мақоми дилбарӣ,
Наргиси шаҳлои ту бар ин далолат мекунад.
Ҳар касе чун ногаҳон қалби туро ранҷондааст,
Дар тамоми зиндагӣ худро надомат мекунад.
Ошиқонро зиндагонӣ мекунад сад имтиҳон,
Нест ошиқ ҳар касе, арзи садоқат мекунад.

Ҳар кучо раҳмондае бар кас набошад ҳамсафар,
Ҳамсафар бар додани ҷон ҳам ҷасорат мекунад.
Дар баҳори гулбасар аз фикри мо ғофил машав,
Пой мон бар чашми мо, чун дил ҳидоят мекунад.

***

Аз лабонат шаҳд резад қатрае дар ҷоми ман,
Замзами Фирдавс гардад ҷовидон бар коми ман.
Аз хирому мақдами ту зулмати шаб дар гурез,
Бо хаёли рӯи ту равшан шавад ҳар шоми ман.
Саҷдагоҳи олами дил ғайри кӯи ту мабод,
Хоки роҳи ту хабар дорад аз ин пайғоми ман.
Гарму сардиҳои олам ақли хомеро напухт,
Аз шарори ишқи покат пухта гардад хоми ман.
Қудрати ишқ аст моро зинда дорад баъди марг,
Ибтидои зиндагониям бувад анҷоми ман.
Дар дилам ҷо кардаам кошонаи ишқи барин,
Кай расад санги адӯ бар гӯшаи ин боми ман.
Дар чаҳони ошиқон бошад маро номи баланд,
Мешавад бадном ҳар кас мекунад бад номи ман.

## ДУШАНБЕ

Душанбеи азизам, сайргоҳам,
Шавӣ ҳар рӯз зебо дар нигоҳам.
Дару дарвозаат гулпӯш гашта,
Бирезӣ шавку шодӣ рӯи роҳам.
Қадамҷои бузургон кӯчаҳоят,
Бувад хоки дари ту саҷдагоҳам.
Ба фахр истода Исмоили Сомон,
Ба сӯям бингарад чун қиблагоҳам.
Туӣ ваҳдатсарои ҷумла инсон,
Паёми тозаи субҳи сабоҳам.
Аё, ҷонам, Душанбе, ҷовидон бош,
Туӣ фахрам, туӣ пушту паноҳам.

***

Ман хазони навбаҳрон дидаам,
Фасли гармо барфу борон дидаам!
Ғунча андар шохаи худ хушк шуд,
Булбулонро дар биёбон дидаам.
Сӯгворӣ монд танҳо дар сухан,
Дар азоям базми ёрон дидаам.
Бехабар аз марги авлодони хеш,
Навҳахони марги мирон дидаам.
Ҳар касе аз адлу аз инсоф гуфт,
Оқибат ӯро пушаймон дидаам.
Минбари ҳомии одобро
Дар зиёфат масту урён дидаам.
Аз ватанхоҳӣ касе ҳарфе бизад,
Аз Ватан ӯро гурезон дидаам.
Аз насоро ман надорам шиквае,
Ҷабрҳо пур аз мусулмон дидаам.
Монда андар чорсӯи зиндагӣ,
Ин Муҳаммад зору ҳайрон дидаам.

## МАН УҚОБАМ

Ман уқобам, аз баландии баланд афтодаам.,
Дар миёни одамони худписанд афтодаам.
Орзу кардам бароям боз аз нав бар само,
Аз забони ҳақсухан дар дому банд афтодаам.
Дар мисоли хеш кардам одамонро тарбия,
Хоксорӣ кардаму худ нописанд афтодаам.
Чун ба қавли нотиқони давр додам эътибор,
Ман зи макру ҳилашон дар банди фанд афтодаам.
Гарм кардам қалбҳои сарду сармобурдаро,
Пеши пои нокасон ҳамчу сипанд афтодаам.
Мешавад як рӯз бар ман сарбаландиҳо насиб,
Гарчи ман андар набарде бекаманд афтодаам.

## ДАР ЗОДРӮЗИ ҲАМСАРАМ

Ишқи ман аз хандаи зебои ту оғоз ёфт,
Қалби ошиқ ҳамчу бозе қудрати парвоз ёфт.
Баста моро ишқи поки навҷавониҳо ба ҳам,
Бахт андар хонаи ободи мо ҳамроз ёфт.
То ҳанӯзам чашми мастат дил ба бозӣ оварад,
Дил забони ишқро аз дидаи ғаммоз ёфт.
Додаӣ фарзандҳоро панди модарвори хеш,
Ҳар яки он сад дари барбастаеро боз ёфт.
Тораи мӯят чу раамзи ишқи поки мо сафед,
Мӯсафедиҳои ман хам беҳтарин дамсоз ёфт.
.Зодрӯз аз ҷону дил бодо муборак, ҷони ман,
Ин Муҳаммад аз бароят хомаи сарбоз ёфт.

## ДАР СӮГВОРИИ ҲАМСАРАМ

Само буд аз ғуруре сайргоҳам,
Замин шуд баъди маргат саҷдагоҳам.
Занам пешонаро бар хоки покат,
Ҷаҳонро тира созад дуди оҳам.
Агарчанде баланд аст эътиборам,
Валекин бе ту ҳамчу хоки роҳам.
Ба зери хок танҳоӣ, чӣ сонӣ?
Дар ин дунё, ки бо рӯзи сиёҳам.
Ба мӯи барфсонам нест қадре,
Бувад зулматсаро субҳи сабоҳам.
Ба хокат дида медӯзам ҳамеша,
Ки шояд зинда гардӣ дар нигоҳам.

## СОЯДАСТЕ БАРОИ САФАР СУЛАЙМОНӢ

Ифтихори олимони олами асрори мо,
Нурбахши қалби поку дидаи бедори мо.
Сатрҳои хомаат пайроҳаи бахту умед.
Таълифотат гарм карда растаи бозори мо.
Бишкуфад ҳар ғунчаи фарҳанги мо дар асли худ,
Сабки нав бахшидаӣ бар шеваю афкори мо.
Гулшани фарҳанги миллат оқибат эҳё кунем,
Мезанад раҳгум касе, чун мекунад инкори мо.
Кишварон бикшодаӣ бо қудрати фарҳанги хеш,
Бӯи ёрон мерасад аз ҳар дару девори мо.
Қитъаҳои ин ҷаҳон гардондаи бо ҳам қарин,
Дар ҷаҳонсозии даврон беҳтарин меъмори мо.
Ай, Сулаймонӣ, шавад тахти Сулаймонат насиб,
Дар ҷаҳони маънавии тоҷики ҳушёри мо.
То ки бошад дар ҷаҳони ҷовидон мавҳу қалам,
Зинда бошӣ, зеб бахшӣ дафтари ашъори мо.

## МАҲИНА

Чун Маҳина нағмасозӣ мекунад,
Дил даруни сина бозӣ мекунад.
Бо садои дилкашу нозу адо
Ошиқонро дилнавозӣ мекунад.
Мешавад дар пеши ӯ булбул хиҷил,
Ҳар гаҳе ки сернозӣ мекунад.
Мегузорад макдам ӯ дар бӯстон,
Майса аз он сарфарозӣ мекунад.
Кай тавон бар чашми масташ бӯса зад,
Найзаи миҷгон дарозӣ мекунад.
Месарояд покии ишқу вафо,
Саҳнаи моро намозӣ мекунад.

## ДАР СӮГВОРИИ ДӮСТМУРОД АЛӢ

Чу марги нобаҳангомат маро бар ёд меояд,
Даруни сина дил аз дард бар фарёд меояд.
Суруди дилнишинат мерасад ҳар гоҳ бар гӯшам,
Сиришкам ҳамчу бороне ба рӯзи бод меояд.
Замину осмон нолид ҳангоми видои ту,
Зи санги сард бар гӯшам ҳазорон дод меояд.
Даруни дидаву дилҳои мо мотамсаро кардӣ,
Садои навҳа аз ҳар хонаи обод меояд.
Намехоҳам касе гӯяд, ки бигзаштӣ ту аз олам,
Намепурсам касеро, ки зи Файзобод меояд.

## ИМДОДРАС

*Барои Ато Ҳамдам*

Ворисй арзандаи аҷдоди мо,
Ҳофизи ҳар мисраи эҷоди мо.
Қадр созӣ доимо лавҳу қалам,
Чун асоси ҷавҳари бунёди мо.
Аз китобат ёфтам ояндаро,
Оварӣ ҳар нобиға бар ёди мо.
Дӯстонро ҷо кунӣ бар дидаҳо,
Мерасӣ аз дур бар имдоди мо.
Ҳарфи некат оламе равшан кунад,
Ай, чароғи хонаи ободи мо.
Баҳри ваҳдат мекунӣ баҳсу талош,
Родмарди кишвари озоди мо.
Шасти умри ту муборак, эй Ато,
Шасти дигар бош чун шамшоди мо!

## ЁРИ ДЕРИН

Ёри дерин, мерасӣ бар ёди ман,
Оташ афтад дар буну бунёди ман.

Бигзарӣ сармаст аз бахти баланд,
Бехабар аз умраки барбоди ман.

Сӯхт бахти ман зи дасти нокасе,
Гашт вайрон хонаи ободи ман.

Ман кунун дар кӯчаҳо овораам,
Кар кунад гӯши фалак фарёди ман.

Солҳо рафтанду ишқам кам нашуд,
Як дам о, ай кафтари озоди ман.

Ман ба ёди ишқи покат зиндаам,
Кош бӯи гӯле бо ёди ман.

## ДУБАЙТИҲО

Ҷавонӣ рафту аз ту ёд монда,
Ба ёдат дар дилам фарёд монда.
Ба ёди ишқи аввал то қиёмат
Ҷаҳоне дар дилам обод монда.

Яроқаш одамӣ аз санг карда,
Ба ваҳшиҳо замоне ҷанг карда.
Кунун шеру палангонро навозад,
Ба хуни худ яроқаш ранг карда.

Замин зеботарин Сайёра буда,
Замин аз баҳри мо гаҳвора буда.
Ба мо дода чу модар қисматашро,
Замин чун модари бечора буда.

Қалам аз сарвари илму маонӣ
Бихоҳад ростию якзабонӣ.
Дусар созӣ қаламро дар қаламрав,
Сияҳрӯ мешавӣ ту ҷовидонӣ.

Зи хокам хонае бунёд мекун,
Дар он базму тараб обод мекун.
Наёбӣ шӯру шанге аз ҷавонӣ,
Бигиру мушти хокам бод мекун.

Парешон кардаӣ гулҳои боғат,
Наояд гулпарасте бар суроғат.
Бичӯӣ ҳар қадар ишқу муҳаббат,
Фақат афзун бигардад дарду доғат.

Ба кӯят ногаҳонӣ омадам ман,
Дучори шодмонӣ омадам ман.
Маронам бесабаб аз хонаи дил,
Чу ишқи ҷовидонӣ омадам ман.

Чароғам оташи шабсӯз дорад,
Атои нури шомафрӯз дорад.
Намонад як нафас аз сӯхтан он,
Умеди зиндагӣ то рӯз дорад.

Ба ишқ амсоли Маҷнун мешавам ман,
Барои ёр дилхун мешавам ман.
Ту бошӣ дар вафо монанди Лайлӣ,
Аламбардори гардун мешавам ман.

Замин ғамхор ҳамчун модари ман,
Бувад гулҳои боғаш афсари ман.
Ба гардунҳои дуродури уммед
Ба меҳраш мефизояд бовари ман.

Қалам аз росткорӣ ҳамдамам шуд,
Чароғ аз шомсӯзӣ раҳбарам шуд.
Ҳаёт аз бурдборӣ панд додам,
Варақ аз покрӯӣ шаҳпарам шуд.

Ба мо пушту панохе ин замин аст,
Ба сони модари мо нозанин аст.
Кунемаш эҳтиёт аз офати ҷанг,
Ки бар мо такягоҳи охирин аст.

Шаби ором сад афсона дорад.
Ҳикоят аз лаби ҷонона дорад.
Забони шаб бифаҳмад марди ошиқ,
Ки бар қалбаш муҳаббат хона дорад.

Ба хоки модари ҷон саҷда кардам,
Ба хоки пок худро банда кардам.
Гирифта зарраи хоке ба мижгон,
Умеди мурдаамро зинда кардам.

Хазонҳо ин саҳар шабнам гирифта,
Гули савсан сари худ хам гирифта.
Насозад булбуле чаҳ-чаҳ ба гулшан,
Ҷаҳони ошиқӣ мотам гирифта.

Сари мардон басе савдо рабуда,
Ғами имрӯзаю фардо рабуда.
Сабукборон набинанд офатеро,
Кадомин сояро дарё рабуда.

Ба рӯи дафтарам парвона афтод,
Хаёлам ин дили девона афтод.
Пару болаш бикард ӯ рост аз нав,
Ба рӯяш ашки ман чун дона афтод.

Замин бар набзи инсон гӯш карда,
Ғаму шодии он бар дӯш карда.
Надонад бегуноҳею гунаҳкор,
Тамоми хокиён оғӯш карда.

Вафодорӣ ба ту то ёд додам,
Ҷавониҳои худ бар бод додам.
Ту машкан қалби покамро ба хорӣ,
Ки бар дастат варо обод додам.

Ду чашми то саҳаргаҳ боз дорам,
Дили овораи рухбоз дорам.
Кунад гул сад ҳикоят аз лаби ту,
Ба гулҳои чаман сад роз дорам.

Ҳарисон хонаю саҳро гирифта,
Сари сарчашмаю дарё гирифта.
Саховатманд дода хонаю дар,
Даруни синаи худ ҷо гирифта.

Хаёли номи воло кард инсон,
Талоши ганҷи Доро кард инсон.
Канори кӯҳ монда чашмаи соф,
Талоши оби дарё кард инсон.

Даруни зулмати шаб як чароғам,
Зи дарди ишқи дерин доғ-доғам.
Шавам як офтоби оламоро,
Кунанд оташпарастон гар суроғам.

Агар парвона фардо зинда монад,
Ба ишқи шамъи сӯзон банда монад.
Шавад гумном ӯ дар олами ишқ,
Агарчи захмию парканда монад.

Бақои умри инсонӣ, муҳаббат,
Ҷаҳони лутфу эҳсонӣ, муҳаббат.
Надорад одами беишқ қиммат,
Адои қарзи инсонӣ, муҳаббат.

Сари сарсони ман сарсон бимонда,
Чу гарди домани ҷонон бимонда.
Набардорам сарам аз саҷдаи ишқ,
Биҳишту Қибла саргардон бимонда.

Гули садбарг зеби боғ буда,
Барояш ин дили ман доғ буда.
Чу булбул куштаам худро ба чаҳ-чаҳ,
Вале он гул насиби зоғ буда.

Шароби ишқ бошад поку беғаш,
Барои қатрааш бошад кашокаш.
Барад як қатрааш сӯи биёбон,
Зиёдаш мезанад бунёдат оташ.

Зи олам шоирон, ки хор рафтанд,
Ҳазорон дард дар кулвор рафтанд.
Надонад одамӣ гар қадри онҳо,
Тамоми зиндагӣ сарсон бимонад.

Сари зулфат, ки дар фармони ман буд,
Муҳаббат қиблаи фармони ман буд.
Ҷудоии сари зулфат зи дастам-
Ҷудоии ману имони ман буд.

Муҳаббат зодаи даври ҷавонист,
Асоси дардҳои ин ҷаҳонист.
Набитвонӣ гурезӣ аз муҳаббат,
Муҳаббат ҳамчу тири ногаҳонист.

Бувад лавҳу қалам сармояи ман,
Ба пирӣ хома бошад пояи ман.
«Қалам бахшад ба шоир умри ҷовид»
Ба ман гуфто ҳаминро дояи ман.

Муҳаббат оташи шабсӯз бошад,
Аз он дар дидаҳо Наврӯз бошад.
Надорӣ чун хабар аз ишқи сӯзон,
Шаби ту ҷовидон берӯз бошад.

# МУНДАРИЧА


Шукрона ........................ 3
Шоир ............................. 4
Табиб ............................. 4
Муноҷот ......................... 5
Интизорӣ ........................ 7
Ёди деҳа ......................... 7
Зани танҳо ...................... 8
Фироқ ............................ 9
Зулфи шабгун ...............10
Дар сӯгвории ҳамсарам... 10
Сангари исёнгарон ......11
Даҳ сол
дар як дам гузашт.....12
Пайкарасоз...................12
Қисмат ..........................13
Намонд .........................13
Бадахшон .....................14
Хоҷа Оби Гарм ............15
Бандаи ишқ ..................15
Замин ............................16
Фатҳи нав .....................16
Хоки Ватан...................17
Шаҳидон зиндаанд ......18
Ба Чӯтак Урозов ..........18
Тифлакон доданд агар.... 19
Тифли қаҳрамон ..........19
Дуои модарон ..............20
Гаҳворасоз ..................21
Модари интизор ..........21
Рӯд ...............................22
Мерос ...........................23
Сайёҳ ............................24
Ҳарфи қалам ................25
Деҳқон ..........................26
Рози чашма...................26
Деҳқони пир .................27
Хоки падар...................28
Ҳанӯз ашк мерезам ......29
Санг ..............................30
Васият ...........................30
Барои Одина Ҳошим.....31
Масхара ........................31
Чароғи гӯр....................32
Дарси аввал ..................33
Ғазал .............................33
Суроғ ............................34
Сайри гул .....................34
Хандаи устод................35
Суруди ҷонфизо ...........35
Муҳаббат.......................36
Сарвари
мулки муҳаббат .......36
Қалам............................37
Хандаи дилбар .............37
Муаллим .......................37
Хандаи гул ...................38
Ман ба дунё омадам ....38
Мепарастам..................39
Рақси чумча..................39
Гулдон ..........................40
Парвона ........................40
Ба ёди ту .......................41
Шеър гӯям ....................41
Дарбон...........................42
Зиндонӣ ........................43
Назоратчӣ .....................44
Қитъаҳо ........................44
Шоми исёнӣ .................47
Қашқароҳа ...................49
Тоҷикистон ..................49
Ворис ............................50
Шеъри ман ...................50
Пой ман
бар чашми мо. .........51

Аз лабонат шаҳд резад қатрае дар ҷоми ман ... 52
Душанбе....................... 52
Ман хазони навбаҳорон дидаам .. 53
Ман уқобам ................. 53
Дар зодрӯзи ҳамсарам 54
Дар сӯгвории ҳамсарам Тоҷигул ... 54
Соядасте барои Сафар Сулаймонӣ ... 55
Маҳина ......................... 55
Дар сӯгвории Дӯстмурод Алӣ ...... 56
Имдодрас..................... 56
Ёри дерин ..................... 57
Дубайтиҳо .................... 57

**Муҳаммад Юсуф**

**ШОМИ ИСЁНӢ**
*(шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш Р.Шералӣ
Муҳаррири саҳифабандӣ М.Саидова

Ба матбаа 26.09.2008 супурда шуд. Чопаш 2.10.2008 ба имзо расид. Андозаи 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 2. Адади нашр 500 нусха.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а